Сардори Раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар маросими Хатми Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, шаҳри Хоруғ, 21 июни соли 2025.

Муҳтарам Раиси Шӯрои Парасторон доктор Шамш Касим Лакха,

Муҳтарам муовини сардори Раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зокирзода Масрур,

Муҳтарам ректори Донишгоҳ доктор, профессор Кристофер Ҷон Геррӣ,

Муҳтарам Декани мактаби илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ ва дақиқи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, профессор Хомяков Максим Борисович,

Ҳайати устодон ва кормандони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ

Хатмкунандагон ва волидони азизу арҷманд, ҳозирини гиромӣ,

Басо шоду ифтихорманд ва сарфарозу хушҳол аз онам, ки дар чунин лаҳзаи хотирмону гуворо ба муносибати чорабинии бошукӯҳи Хатми таҳсили донишҷӯёни ин боргоҳи илму маърифат ҳузур дорам. Бо истифода аз фурсати муносиб, ҳамзамон самимияти қалбӣ хатмкунандагони Донишгоҳи макурро ба муносибати хатми таҳсил, ки дар арафаи 28-умин солгарди яке аз ҷашнҳои барои миллати бузурги тоҷик рӯзи “Ваҳдати миллӣ” рост омадаст, аз номи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шахсан аз номи Раиси вилоят, муҳтарам Мирзонабот Алишер Худобердӣ сидқан табрику шодбош менамоям.

Ҷойиз ба зикри хос аст, ки аз нахустин рӯзҳои соҳибистиқлолии давлатамон соҳаи маориф ва илм дар меҳвари сиёсати дохилии мамлакат ҳамчун соҳаи афзалиятнок мавқеъ гирифтаст ва дар рушду пешрафти иқтисодиву иҷтимоии кишвар нақши калидӣ дорад. Мусаллам аст, ки бе дониши мукаммал, мутахассисони варзидаю соҳибмаърифат имкони ҳеҷ гуна равнақу тараққӣ нахоҳад буд ва ҳамаи дигаргуниҳову пешравиҳо маҳз аз мактабу маориф ва азхудкунии минбаъдаи илмҳои мутобиқ ба давру замон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олии бонуфузи дохил ва хориҷи кишвар сарчашма мегирад. Бо дарназардошти чунин талабот дар асоси дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва нақшаи дурнамои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди соҳаи маориф ва илм заминаҳои воқеии устувор гузошта шуда истодааст. Дар робита ба ин Роҳбарияти Олии мамлакат дар ҳар як баромаду суханрониҳояшон ба ин самт диққати махсу равона намуда, дар яке аз баромадҳояшон аз ҷумла иброз доштанд, ки “Дар шароити пешрафти босуръати илм ва техникаву технологияҳо танҳо кишварҳое рушд мекунанду мақому ҷойгоҳи сазовори худро нигоҳ дошта метавонанд, ки мардуми босаводу соҳибмаърифат, олимону донишмандон, кадрҳои баландихтисосу ихтироъкор ва донандаи техникаву технологияҳои ба талаботи замон ҷавобгӯй дошта бошанд”. Маҳз ба хотири ноил гардидан ба чунин ҳадафҳои дурнамо ҳанӯз соли дуҳазорум донишгоҳи Осиёи Марказӣ таъсис дода шуд, ки аз тариқи фароҳам овардани шароити сатҳи байналмилалӣ омӯзишро дар шароити кӯҳистон ба роҳ мондааст. Қобили

зикр аст, ки таи ин муддат Донишгоҳи номбурда аз рӯи ду ихтисоси барои манотиқи куҳистон муҳим, яъне иқтисод ва ҳифзи муҳити зист мутахассисонро омода намуда истодааст, ки айни ҳол дар дохили кишвар кору фаъолият намуда истодаанд.

Бо боварии комил ва умеди қавӣ метавон гуфт, ки хатмкунандагони имсола низ баъди хатми донишгоҳ бо такя ба донишҳои андухтаи муосир ва ҳисси баланди ватандӯстӣ барои пешрафти минбаъдаи миллату давлати худашон саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

Имрӯз таҳсил ва хатми на танҳо шаҳрвандони Тоҷикистон, балки дар ҳамзистиву ҳамдилии шаҳрвандони давлатҳои Покистону Афғонистон ва Федератсияи Россия таҳсилу фаъолият фоли нек буда, бори дигар аз пойдории ваҳдату бародарӣ ва сулҳу суботи сартосарии Тоҷикистони азизамон шаҳодат медиҳад.

Бо чунин ниятҳои нек бори дигар хатмкунандагони гиромиро бо чунин як лаҳзаи фаромушнашавандаи ҳаёташон аз самими қалб табрику шодбош гуфта, ба ҳамагон саломатии бардавом ободии рӯзгору дастовардҳои назаррас дар фаъолияти минбаъда ва ҳамзамон ҷиҳати таҳкими сулҳу суботи ҳамешагӣ нерӯмандии бештарро орзумандам.

Барои ҳайати устодону професорони Донишгоҳи мазкур барои омода кардани мутахассисони соҳибкасбу дархури имрӯза сипоси беандозаву дастовардҳои нав хоҳонам.

Ташаккур ба диқкататон.